ПРОТОКОЛИ №16-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. KOA-088
назди Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 23-юми майи соли 2026 н. Данғара

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои
шуро 10 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, №34/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи **Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода** дар мавзуи **«Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ (Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Қаландариён Ҳоким Сафар**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

БАРОМАД НАМУДАНД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Саидҷаъфаров О.Ш. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои

тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Асозода Ҳотам Раҷаб** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич** – номзади илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.